**Протоколи № 4**

Маҷлиси васеи Шурои ғайринавбатии олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

16 -майи соли 2022 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои Шурои олимон 13 - нафар иштирок доштанд. 2 - нафар бо сабабҳои узрнок иштирок надоштанд.Дар кори маҷлис шахсони даъватшуда иборат аз 10 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд, иштирок доранд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигаре нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИҶАЛАСА:**

1.Баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ номзади илмҳои сиёсӣ Ҳусайнзода А.Б., баромад намуд. Ӯ дар бораи аризаи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ Нуриддинзода С.Ҳ., дар бораи баррасӣ ва гузаронидани даври дуюми экспертиза дар муассиса маълумот дод.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи « Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) барои баррасӣ ва гузаронидани даври дуюми экспертиза дар муассиса қабул карда шавад.

2. Муқарризони холис таъйин карда шаванд:

- Назарзода Пиралӣ –номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;
- Сафарализода Хуҷамурод–номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Қарор қабул кардашуд: якдилона.**

Раиси маҷлис
номзади илмҳои сиёсӣ Ҳусайнзода А.Б.
Котиби маҷлис Маҳмадсаид М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС